# ХУЛОСАИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-014 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ ДОКТОРИ ФАЛСАФА (PhD), ДОКТОР АЗ РӮЙИ ИХТИСОС

**Парвандаи аттестатсионии №_______________**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 12.07.2024, №44**

Барои сазовор донистани Амонзода Анушервон Намоз, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт (6D050606 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ).

Диссертатсияи Амонзода Анушервон Намоз дар мавзуи «Мукаммалсозии сохтори ҳудудии иқтисодиёт дар асоси модернизатсияи иқтисодиёти минтақа (дар асоси маводҳои вилояти Хатлон)», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт (6D050606 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) санаи 07 майи соли 2024, дар асоси хулосаи мусбати комиссияи экспертӣ барои ҳимоя қабул карда шуд, суратмаҷлиси №58 Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14), ки он дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, таҳти №13/шд таъсис дода шудааст.

Докторант (PhD) Амонзода Анушервон Намоз, соли таваллудаш 07.01.1995, миллаташ тоҷик, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳоло ба ҳайси сармутахассиси сарраёсати буҷети давлатии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намуда истодааст, ҳамзамон аз соли 2023 то инҷониб ба ҳайси ассистент дар кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон фаъолият намуда истодааст.

Амонзода Анушервон Намоз соли 2012 ба Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дохил шуда, донишгоҳи номбурдаро соли 2016 аз рӯйи ихтисоси менеҷменти молиявӣ хатм намудааст. Номбурда соли 2017 ба зинаи магистратураи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, соли 2019 онро бомуваффақият хатм намудааст.

Соли 2019 ба зинаи доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050606 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ)-и Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дохил шуда, соли 2022 ба итмом расонидааст. Дар рафти иҷрои диссертатсия Амонзода Анушервон Намоз докторанти (PhD) кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба шумор мерафт.

Мувофиқи нақшаи таълимии шуъбаи омодакунии кадрҳо ва кадрҳои илмӣ-педагогӣ, аз тарафи докторанти (PhD) 180 кредит аз худ шудааст ва имтиҳони ниҳоиро бомуваффақият супоридааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Садриддинов Манучеҳр Исломиддинович** – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, дотсенти кафедраи назарияи иқтисодӣ ва фаъолияти соҳибкории Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**Ризозода Тӯра Раббим (Ризоқулов Туроқул Рабимқулович) –** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон;

**Маҳмадизода Файзали Бачабек -** номзади илмҳои иқтисодӣ, директори Донишкадаи такмили ихтисоси омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, тақризи мусбат доданд.

**Муассисаи пешбар** – Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон дар тақризи худ, ки аз ҷониби н.и.и., Ходими пешбари илмии шуъбаи омӯзиши равандҳои кластеркунонӣ дар комплекси агросаноатии Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии АИКТ Миразизов А.Ҳ. таҳия гардида, дар ҷаласаи шуъбаи омӯзиши равандҳои кластеркунонӣ дар комплекси агросаноатии Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии АИКТ баррасӣ ва муҳокима карда шудааст (суратҷаласаи №5, аз 22.05.2024) ва аз ҷониби директори Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии АИКТ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, академики АИКТ Пиризода Ҷ.С. тасдиқ шудааст, хулосаи мусбат додааст.

Дар тақриз хулоса бароварда шудааст, ки диссертатсияи Амонзода Анушервон Намоз дар мавзуи «Мукаммалсозии сохтори ҳудудии иқтисодиёт дар асоси модернизатсияи иқтисодиёти минтақа (дар асоси маводҳои вилояти Хатлон)», кори илмию таҳқиқотии мустақилона ба итмомрасида дониста шуда, ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рисолаҳои номзадӣ аз рӯйи ихтисос, ки бо "Низомномаи шурои диссертатсионӣ" ва "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" муқаррар шуда ва бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Амонзода Анушервон Намоз барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт (6D050606 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) сазовор мебошад.

Автореферат ва корҳои илмии нашршудаи довталаби дараҷаи илмӣ пурра мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамояд. Дар хулосаи мусбат қайд шудааст, ки довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия 7 интишороти илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда дорад.

## ИНТИШОРОТИ ДОВТАЛАБ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

### Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда:

[1-М]. Амонзода А.Н. Модернизатсияи иқтисодиёти минтақа дар асоси истифодабарии самараноки иқтидори табиӣ-захиравӣ [Матн] / М. И. Садриддинов, А. Амонзода // Паёми молия ва иқтисод №3 (23) - Душанбе, 2020, с.98-105. ISSN: 2663-0389.

[2-М]. Амонзода А.Н. Модернизатсияи иқтисодиёти минтақа дар асоси стратегияи рушди индустриалию инноватсионӣ [Матн] / М. И. Садриддинов, А. Амонзода // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон, бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2020. - №6 // Душанбе, с.205-209. ISSN: 2413-5151

[3-М]. Амонзода А.Н. Арзёбии рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон дар асоси модернизатсияи иқтисодиёти минтақа [Матн] / А. Амонзода // Паёми донишгоҳи технологии Тоҷикистон// –Душанбе, №2 (45), 2021, с.165-172. ISSN: 2707-8000

[4-М]. Амонзода А.Н., Таъсири модернизатсияи иқтисодӣ ба рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа [Матн] / М. И. Садриддинов, А. Амонзода // Паёми донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав 1/1 (83)// Бохтар, 2021 саҳ.193-198. ISSN: 2663-5534

[5-М]. Амонзода А.Н., Таҳлили ҳолати кунунии иқтисодиёти вилояти Хатлон дар асоси модернизатсияи иқтисодӣ [Матн] / А. Амонзода // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав 1/2 (110) //Бохтар, 2023 с.307-312. ISSN: 2663-5534

**Дар дигар нашрияҳо:**

[6-М]. Амонзода А.Н. Мукаммалгардонии сохтори ҳудудӣ дар асоси модернизатсияи иқтисодиёти минтақа // Маҷмӯи мақолаҳои конфренсияи илмӣ назариявии ҳайати профессорон, устодон ва донишҷуёни донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бахшида ба «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (2020-2040) (13-18 апрели соли 2020) // Душанбе, 2020 с.266-268.

[7-М]. Амонзода А.Н. Зарурати мукаммалгардонии механизми сохтори ҳудудии иқтисодиёт дар асоси модернизатсияи иқтисодии минтақа // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Рушди низоми бонкӣ ва рақамикунонии бахши молиявӣ» (19-20.12.2023, шаҳри Кӯлоб). С.828-831

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шуданд:**

**1. Самандарзода Искандар Ҳусейн - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур бо чунин эрод:**

- хубтар мешуд агар муаллиф дар кори илмии худ таъсири модернизатсияро дар шакли ҷадвал меовард;

**2. Раҳматзода Ҳайдар Бобо - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи назарияи иқтисодӣ ва иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон бо чунин эрод:**

- дар автореферат шарҳи равишҳои назариявии мавҷуда ба ҳалли мушкилоти такмили сохтори ҳудудии иқтисодиёт пурра пешниҳод карда нашудааст.

**3. Ҳалимов Л.М. - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон бо чунин эрод:**

- хуб мешуд, ки муаллиф агар дар таҳқиқоти худ SWOT-таҳлилро таҳия менамуд, сифату арзиши рисолаи мазкур боз ҳам баландтар мешуд.

**4. Холов Тоҷиддин Азизуллоевич – номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи андоз ва андозбандии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав бо чунин эрод:**

- агар муаллиф чораҳои мушаххас оид ба модернизатсияи соҳаҳои асосии иқтисодиёти вилояти мазкур пешниҳод менамуд, масалан, тавассути ҷорӣ намудани технологияҳои нав ё рушди инфрасохтор [хуб мешуд].

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, қисме аз эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.

**Интихоби муқарризони расмӣ** бо пешниҳоди комиссияи ташхисии шурои диссертатсионӣ, инчунин бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқи масъалаҳои мукаммалсозии сохтори ҳудудии иқтисодиёт, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

**Интихоби муассисаи пешбар** бо он асоснок карда шудааст, ки Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- ***консепсияи*** модернизатсияи иқтисодии минтақа дар заминаи бозсозии сохтории иқтисоди миллӣ ва минтақавӣ аз ҳисоби истифодаи самараноки захираҳои табиӣ, таъмини муътадили аҳолӣ бо маҳсулоти бахши воқеии иқтисодиёт, таҳияи робитаҳои иқтисодии вобаста ба захираҳои табиӣ дар минтақаҳои кишвар, баландбардории сатҳи рақобатпазирии иқтисодиёти минтақа пешниҳод шудааст.

- ***таърифи муаллифии*** модернизатсия пешниҳод шудааст: «Модернизатсияи иқтисодӣ ҳамчун раванди дорои хусусияти ҳудудӣ дошта, ҷараёни азнавсозии фаъолияти иқтисодии минтақаро бо дарназардошти ташаккули низоми идоракунии самараноки истифодаи захираҳои табиӣ пешниҳод гардидаанд».

- ***методикаи*** такмилшудаи арзёбии иқтидори табиӣ-захиравии модернизатсияи иқтисодии минтақавӣ пешниҳод шудааст, ки дар madди аввал ошкорсозии таъсири омилҳои иқтисодиро тақозо карда, ҳамаи захираҳои табиии мавҷуда ва захираҳои молиявӣ, рушди иқтисодии минтақаро имконпазир гардонида, ҳамчун замина барои дигар омилҳои ғайриқтисодӣ баромад намуда, дар методикаи пешниҳодгардида арзёбии ду ҳолат: “самара ҳангоми гузаронидани модернизатсия дар сатҳи минтақавӣ ва ошкорсозии захираҳои ҷараёни модернизатсия” гузаронида мешавад.

- ***исбот шудааст:*** зарурати ташаккули низоми идоракунии модернизатсияи иқтисодии сохтори ҳудудии иқтисодиёти минтақаҳои Ҷумҳурии Точикистон асоснок ва таъмини истифодаи самараноки захираҳои

табиӣ дар асоси механизми ташкилӣ-иқтисодии мукамалсозии сохтори ҳудудии иқтисодӣ ва инноватсионии вилояти Хатлон пешниҳод шуд.

- ***омилҳо ва мушкилот ошкор шудаанд:*** а) вазифа ва ваколатҳо байни сатҳҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии марказӣ ва маҳаллӣ, инчунин мақомоти худидоракунӣ ҷиҳати таъмини истифодаи самараноки маблағҳои давлатӣ беҳсозиро талаб мекунад; б) мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ бахри иҷрои салоҳияти ба онҳо вогузошта ҷиҳати амалӣ намудани масъалаҳои аҳамияти маҳаллӣ дошта захираҳои зарурӣ надорад; в) фаъолияти мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ҳамчун сатҳи идоракунии ба аҳолӣ наздик ба талаботи худидоракунии маҳаллӣ пурра ҷавобгӯ намебошад.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар он:**

- ***муқаррароти*** асосии кор бо муҳтавои консепсияҳои бунёдӣ оид ба иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ, ки дар асарҳои олимони маъруфи ватанӣ ва баён шудаанд, мувофиқат мекунанд ва дар доираи равишҳои консептуалӣ, ки дар монографияҳои илмӣ, маводи конференсияҳои илмӣ-амалӣ, ҳисоботи марказҳои илмиӣ тадқиқотӣ, инчунин, дар қонунҳо, стратегияву барномаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон баён гардидаанд, сурат гирифтааст.

- ***исбот шудааст,*** ки вазъи иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон, аз ҷумла бахши воқеии иқтисодиёт, аз амалӣ намудани модернизатсияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ниҳодӣ вобастагии амиқ дошта, соҳаҳои афзалиятнок ва авлавиятдоштаи минтақаи таҳқиқгардида нишон медиҳад, ки дар давраи соҳибистиқлолӣ соҳаҳои саноат ва кишоварзӣ ҳолати рушди устувор ва мутавозинро нигоҳ дошта, қисми бештари таҷҳизот, техника ва технологияи истифодашавандаи тавлиди маҳсулот (мол ва хизматрасонӣ) ниёз ба таҷдид ва азнавсозӣ доранд.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта:**

- ***ғояи таҳқиқот*** ба муқаррароте асос ёфтааст, ки барои тақвият додан ва мукаммал гардидани механизмҳои мукаммалсозии сохтори ҳудудии иқтисодиёт бояд иқтисодиёти вилояти Хатлон модернизатсия карда шавад.

- ***самтҳои*** ояндадори модернизатсияи иқтисодии сохтори ҳудудии иқтисодиёти минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъмини истифодаи самараноки захираҳои табиӣ дар асоси механизми ташкилӣ-иқтисодии мукамалсозии сохтори ҳудудии иқтисодӣ ва инноватсионии вилояти ХатлонБ пешниҳод шудаанд.

- ***методологияи*** таъсири модернизатсияи иқтисодӣ ва имкониятҳои истифодаи иқтидорҳои минтақавӣ барои таъмини рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа асоснок ва пешниҳод шудааст.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия** чунин тасдиқ карда мешавад, ки:

- ***тавсияҳои методӣ ва амалии*** таҳиякардаи муаллиф дар раванди тадриси фанҳои «Иқтисоди сабз», «Иқтисодиёти минтақавӣ», «Иқтисодиёти ҷаҳон», дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон истифода шудаанд (санади татбиқи натиҷаҳо аз аз 04.09.2023 таҳти №2).

- самтҳои ояндадори модернизатсияи иқтисодии сохтори ҳудудии иқтисодиёти минтақа аз мавқеи дарёфти мувозинати тақсимоти маблағҳо ва алоқамандии соҳаҳо муайян карда шудааст.

- ***стратегияи*** таъмини истифодаи самараноки захираҳои табиӣ дар асоси механизми ташкилӣ-иқтисодии мукаммалсозии сохтори ҳудудии иқтисодӣ ва инноватсионии вилояти Хатлон пешниҳод шудааст.

- ***пешниҳод шудааст***, ки асоси модернизатсия дар сохтори ҳудудӣ ин баэътибор гирифтани алоқамандии зичи бахшҳои воқеӣ, аз қабили кишоварзӣ ва саноат буда, собит шудааст, ки захираҳои соҳаи кишварзӣ аз ҳисоби афзун гардидани талабот ба он оварда расонидааст, ки масоҳати киштзорҳо ва киштзорҳои обёришаванда дар корхонаҳои кишоварзӣ майли камшавӣ гирифта, ҳамзамон, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ бошад, дар рушди минтақаҳо майли тафриқавӣ дорад. Чунончи, ҳиссаи маҳсулоти саноатии вилояти Хатлон нисбат ба Суғд дар ММД камтар буда, ин аз баитмом нарасидани ташаккулёбии инфрасохтори модернизатсияи иқтисодиёти минтақаи Хатлон дарак медиҳад.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**

- омилҳо, принсипҳо ва заминаҳои ташкилию соҳавӣ бо мақсади коркарди иқтидори табиӣ-захиравии модернизатсияи иқтисодиёти минтақавӣ муайян карда шуда, зарурати коркарди механизми амали он дар бахши воқеии иқтисодиёт, аз ҷумла соҳаҳои саноат ва кишоварзӣ бо аниқ гардонидани асосҳои методии сохтори ҳудудии иқтисодиёти минтақа ҳангоми истеҳсоли маҳсулотҳои гуногун ва дар маҷмуъ баэътибор гирифтани таъсири омилҳои иқтидори табиӣ-захиравии модернизатсияи иқтисодии минтақавӣ пешниҳод карда шудааст.

- асоснок намудани зарурати ташаккули низоми идоракунии модернизатсияи иқтисодии сохтори ҳудудии иқтисодиёти минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок гардид.

- **офарида шуд:** нишондиҳандаи интегралии захирағунҷоиши ҷараёни модернизатсияи иқтисодиёти минтақа пешниҳод гардидааст, ки тавассути муқоисаи захираҳои ҷараёни таҷдид ва азнавсозӣ бо самараи гузаронидани модернизатсияи иқтисодиёти минтақа амалӣ гардида, иқтидори табиӣ-захиравии минтақаи алоҳидаро то чи андоза истифода ва муфид арзёбӣ намудани раванди модернизатсияи ҳудудиро нишон медиҳад ва захираҳои модернизатсияи иқтисодиёти ҳудудиро вобаста аз фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ, шумораи кормандон ва дараҷаи самаранокии онҳо баён менамояд.

- **механизми** модернизатсияи сохтори соҳавии иқтисодиёти минтақавӣ пешниҳод шудааст, ки арзёбии ҳолати тағйирёбии сохторӣ дар соҳаҳои иқтисоди миллиро бо назардошти маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ (МММ), ояндабинии ҳолати оптималии сохтори соҳаҳои иқтисоди миллӣ, интихоб ва амалӣ намудани фишангҳои амалишавии тағйирёбии сохторӣ дар сатҳи ноҳия бо дарназардошти идома додани он дар сатҳи минтақаро дар бар мегирад.

- **муайян карда шуд,** ки натиҷаҳои сифатӣ ва миқдории таҳқиқот тавассути манбаъҳои муътамади назариявӣ ва амалӣ таъйид гардида, истинод

ба адабиёти иқтибосгардида бо риояи муқарраroти мавҷуда сурат гирифтааст. Диссертатсия аз санҷиши асолати илмӣ гузашта, маълумотнома аз барномаи “Антиплагиат” сароҳатан сатҳи онро 87,5% нишон додааст.

- **пешниҳод шудааст:** ба сифати тадбирҳо дар самти модернизатсияи иқтисодиёти минтақа маҷмуи чорабиниҳои мақсадноки давлатии сатҳҳои гуногун, аз ҷумла, чорабиниҳои бахши давлатӣ дар сатҳи минтақаҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ ва субъектҳои фаъолияти иқтисодии бахши воқеии иқтисодиёт – корхонаҳо ва субъектҳои алоҳидаи фаъолияти иқтисодӣ аз ҳисоби тақвияти васеи ҳавасмандгардонии андозӣ ва ғ.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот дар:** ҷамъбасти назарияҳо ва пешниҳоди консепсияи мукаммалсозии сохтори ҳудудии иқтисодиёт дар асоси модернизатсияи иқтисодиёти минтақа, муайян намудани предмет ва объекти таҳқиқот, асосноксозии номгӯи вазифаҳои тадқиқот ва ҳалли онҳо, ба ҳадди ниҳоӣ расонидани ҷанбаҳои назариявӣ ва методӣ, ки он имконият медиҳад маводҳои диссертатсия дар коркард ва амалишавии ҷорабиниҳо оид ба танзими механизми модернизатсияи иқтисодӣ истифода гарданд, зоҳир мегардад. Инчунин, самтҳои афзалиятноки пешниҳоднамудаи муаллиф имконият медиҳанд, ки танзими давлатӣ дар самти такмили механизми истифодабарии захираҳо дар ҳудуди минтақаҳои кишвар, рушди соҳибкории хурду миёна ҳамчун механизми муҳими модернизатсиякунонии фаъолияти бахши воқеии иқтисодиёт ва баҳодиҳии самаранокии он дар вилояти Хатлон ҳаллу фасл гарданд.

Шурои диссертатсионӣ ба хулоса омад, ки таҳқиқоти диссертатсионии Амонзода Анушервон Намоз дар мавзуи «Мукаммалсозии сохтори ҳудудии иқтисодиёт дар асоси модернизатсияи иқтисодиёти минтақа (дар асоси маводҳои вилояти Хатлон)», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт (6D050606 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ), кори мустақилона анҷомшудаи илмӣ ва тахассусӣ маҳсуб ёфта, дорои мубрамӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳамияти назариявию амалӣ мебошад ва дар таҳкими асосҳои назариявию методии мукаммалсозии сохтори ҳудудии иқтисодиёт саҳм гузошта, имкон медиҳад, ки масоили ҳалталаби соҳа ҳаллу фасл гарданд. Диссертатсия ба бандҳои 1; 14; 15; ва 19-и Шиносномаи ихтисосҳои илмии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт (6D050606 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) мувофиқат мекунад.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 аз санаи 12.06.2024 қарори сазовор донистани Амонзода Анушервон Намоз бо дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт (6D050606 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 12 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла мутахассисон 5 нафар аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 12 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии

номзади илмҳои иқтисодӣ: «Тарафдор» –12 нафар, «Муқобил» – нест, «Бетараф» – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раиси**
**шурои диссертатсионӣ**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Фақеров Ҳ.Н.**

**Котиби илмии**
**шурои диссертатсионӣ**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Убайдуллоев Ф.К.**

**12 июли соли 2024.**